**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Холмуродзода Азизбек Холмурод дар мавзуи «Массаи молекулавӣ ва рафтори гидродинамикии пектин аз манбаъҳои гуногун», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4 – Химия (1.4.7 – Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ) пешниҳод гардидааст.

**Муҳиммияти мавзуи тадқиқот.** Дар шароити муосири рушди илму техника ва саноати хӯрокворӣ, фармасевтӣ ва биотехнологӣ омӯзиши пайвастаҳои табиии фаромолекулавӣ, аз ҷумла полисахаридҳо, аҳаммияти рӯзафзун пайдо намуда истодааст. Пектинҳо ҳамчун биополимерҳои табиӣ дорои хосиятҳои арзишманди физикӣ-химиявӣ ва биологӣ буда, дар истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ, дорусозӣ, косметология ва маводҳои инноватсионӣ васеъ истифода мешаванд. Дар ин замина, таҳқиқи хусусиятҳои молекулавӣ ва рафтори гидродинамикии пектинҳо, махсусан аз манбаъҳои гуногуни ашёи хоми маҳаллӣ, масъалаи мубрам ва дорои аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, мавзуи интихобнамудаи муаллиф саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи масъала ва навгонии илмӣ.** Аз таҳлили автореферат бармеояд, ки муаллиф доираи васеи адабиёти муосири илмиро мавриди омӯзиш қарор дода, масъалаҳои асосии марбут ба сохтор, хосиятҳо ва тағйирёбии пектинҳоро таҳлил намудааст. Дар диссертатсия бори аввал қонуниятҳои тағйирёбии массаи молекулавӣ ва параметрҳои гидродинамикии пектинҳо вобаста ба шароити нигоҳдорӣ ва манбаи ашёи хом муайян карда шудаанд. Бо истифода аз усулҳои муосири таҳлилӣ, аз ҷумла хроматографияи эксклюзионӣ ва усулҳои таҳқиқи хосиятҳои гидродинамикии пектинҳо дар маҳлул, механизми деградатсияи макромолекулаҳои пектин ба таври илмӣ асоснок гардидааст. Инчунин, вобастагии байни массаи молекулавӣ, андозаи молекула ва хосиятҳои гидродинамикӣ муқаррар гардида, параметрҳои кинетикии равандҳои

тачзия ҳисоб карда шудаанд. Навгонии илмии натиҷаҳои бадастомада дар он зоҳир мегардад, ки онҳо фаҳмиши амиқтари рафтори пектинҳоро дар маҳлул, ки ба хосиятҳои амалии онҳо вобастагии зич дорад, таъмин намуда, ба рушди химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ саҳми арзанда мегузоранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва арзиши амалӣ.** Натиҷаҳои тадқиқот дорои аҳаммияти назариявии муҳим буда, барои рушди назарияи полимерҳои табиӣ ва омӯзиши қонуниятҳои рафтори гидродинамикии онҳо заминаи боэътимод фароҳам меоранд. Аз нуқтаи назари амалӣ, маълумотҳои бадастомада метавонанд дар таҳияи технологияҳои муосири истеҳсоли маҳсулоти дорои асоси пектинӣ, аз ҷумла гидрогелҳо, микрокапсулаҳо, плёнкаҳои биодеградаболӣ ва системаҳои интиқоли дору истифода шаванд. Илова бар ин, истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ барои ба даст овардани пектин ба рушди иқтисоди миллӣ, иваз намудани маҳсулоти воридотӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мусоидат менамояд.

**Сатҳи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи усулҳои муосири таҷрибавӣ, истифодаи дастгоҳҳои замонавӣ ва дақиқ, коркарди омории маълумот ва мувофиқати онҳо бо натиҷаҳои таҳқиқоти дигар муҳаққиқон таъмин гардидааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр гардида, дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Камбудиҳо ва мулоҳизаҳо.** Бо вуҷуди сатҳи баланди илмии тадқиқот, дар автореферат баъзе норасоиҳои зерин ба назар мерасанд:

– таъсири омилҳои муҳитӣ, аз қабили ҳарорат ва нишондиҳандаи ҳидрогенӣ (pH) ба раванди деградатсияи пектинҳо метавонист муфассалтар таҳлил гардад;

– дар баъзе қисматҳои матн носаҳеҳии истилоҳотӣ ва ғалатҳои техникии ҷузъӣ ба назар мерасанд;

– имкониятҳои татбиқи саноатии натиҷаҳо дар баъзе ҳолатҳо метавонистанд васеътар ва бо мисолҳои мушаххас шарҳ дода шаванд.

Новобаста аз камбудиҳои зикршуда, ки хусусияти тавсиявӣ доранд, ба мазмун ва арзиши илмии тадқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

**Хулоса.** Автореферат мазмун, сохтор ва натиҷаҳои асосии диссертатсияро ба таври пурра ва мантиқӣ инъикос менамояд. Диссертатсияи Холмуродзода Азизбек Холмурод ба талаботи санадҳои меъёрии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.7 – Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои химия,
дотсент, мудири кафедраи химияи умумӣ
ва таълими он, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Охунова У.Р.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Б.Мавлонбеков 1, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
**Тел.:** (992-3422) 6-52-73; **E-mail:** rector@hgu.tj

**Имзои** *Охунова Умеда Раҳматҷоновна*-ро тасдиқ мекунам:
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус** **Сайдуллозода З.С.**

«22» 07 соли 2026